## Тақризи роҳбари илмӣ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Элбоев Вафо Ҷӯрақулович ба диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи "Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. - Душанбе, 2023.**

Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ аз шоирони машҳур, соҳибмактаб, ва тозагӯву навҷӯ дар ҳавзаи адабии форсизабонони дунё ва хоса адабиёти муосири Тоҷикистон ва Афғонистон ба ҳисоб меравconfigurations. Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ ҳамчун шоирони пешгом, пешкисват ва сухангустар шинохта ва эътироф гардидаанд. Ин ду шоири номӣ дар пешрафти адабиёти муосир ва хусусан ҷанбаҳои ҳунарии он хизматҳои шоён кардаанд ва дар жанрҳои гуногуни шеърӣ, бо фарогирии тасвирҳои зебо ва диду завқу ҳунари баланди шоирона ашъори баландмазмун офаридаанд.

Мероси адабии ин ду шоир аз ҳар ҷиҳат сазовори пажуҳиши арзандаи илмӣ мебошад ва бо дарки ин масъулияти баланд Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим ба омӯзиши мавзуи "Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ", ки дар лобалои худ масъалаҳои зиёди таҳқиқӣ дорад, пардохтааст.

Диссертатсия аз муқаддимаву се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст, ки дар муқаддима масъалаҳои мубрами мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, метод ва методология, сарчашмаҳо, объект, предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо як тартиб ва низоми муайяни талаботи диссертатсияҳои илмӣ нигошта шудаанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он нуктаҳо ифода мегардад, ки масъалаҳои рӯзгору осор ва ҳунари шоириву маъниофариниву тасвирсозии шоирон Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар муқоиса бори аввал ба таҳқиқи илмӣ кашида шудааст. Аҳамияти мавзуъро инчунин таҳқиқи масъалаҳои мухтавои ашъори шоирон, истифодаи унсурҳои мунозира, афкори адабии шоирон, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри онҳо, баррасии оҳангҳои иҷтимоӣ ва табиат ба таври муқоиса дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ бозгӯӣ мекунанд, ки таҳқиқи муқоисавии ин масъалаҳо ба таври таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ омӯхта нашудаанд ва аз аҳаммияти хуби илмӣ бархурдоранд. Боби аввали диссертатсия "Назаре ба рӯзгору ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ" унвон дорад ва дар он ба масъалаҳои рӯзгору таҳлили осори ин шоирон назари тоза андӯхта шудааст. Боби дувум "Таҳқиқи қиёсӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ" ном дошта, аз фаслҳои зиёд таркиб ёфтааст, ки ҳунари шоирии Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар мухтаво, маъниофаринӣ, тасвирсозӣ, истифодаи унсурҳои мунозира ва афкори адабии шоирон ба таври муқоиса таҳқиқ шудааст. Боби сеюм "Нақш ва истифодаи санъатҳои бадеӣ, мавзуъҳои иҷтимоӣ ва табиат дар ашъори дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ" унвонгузорӣ шуда, дар ин ҷо масъалаҳои истифодаи санъатҳои бадеӣ, оҳангҳои иҷтимоӣ ва ҷойгоҳи табиат дар шеъри ҳар ду шоир ба таври муқоиса таҳлил гардидааст. Дар қисмати хулоса натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ дар бандҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Аз таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ ба хубӣ ба назар мерасад, ки Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим мавзуъро хуб медонад, ба таҳқиқи масъалаҳо хуб ворид шудааст, муҳокимарониҳо, таҳлилҳо, баҳсҳои илмӣ ва таҳлили мисолҳо хубанд ва ӯ ҳамчун муҳаққиқи мавзуъ дар роҳи ба даст овардани мақсаду вазифаҳои тақҳиқ муваффақ гардидааст. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷу аз таҳқиқи мавзуъ далолат бар он нукта мекунанд, ки Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим мавзуъро хуб омӯхтааст, ба таҳқиқ хуб ворид

шудааст ва ҳамчун муҳаққиқ ба камол расидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар омӯзиши ин мавзуъ саҳифаи тоза аст, ки онро муҳаққиқони дигар дар мавриди пажуҳиши масъалаҳои равобити адабии адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ истифода мебаранд.

Диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар маҷмуъ, дар асоси таҳқиқи масъалаҳои гуногун, ки дар кор баррасӣ шудаанд, таҳқиқоти ҷомеъ ва фарогир мебошад. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи "Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ" кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.04 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан ҷавобгӯст ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Элбоев В.Ҷ.**

**Тел: 987600143**
**E mail: Vafo_1965@ vail.ru**

**Имзои профессор В.Элбоевро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода А.**

30.12.2023